**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино д.и.т., профессор**
**Гулзода М.Қ. __________**
**«____» _________ 2018**

**Низомномаи**

Маҳфили «Ҳолатҳои таъҷилӣ дар тиб»

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Мақсад аз баргузории маҳфили «Ҳолатҳои таъҷилӣ дар тибб» ба ҳам овардани ҷавонони фаъоли донишгоҳ, вусъат бахшидани фаъолияти фикрронии онҳо ва омӯзонидани донишҷӯён бо усулҳои расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои таъҷилӣ ва сайқал додани малакаҳои амалии касбии онҳо мебошад.

1.2. Маҳфил ҳар моҳ ду маротиба дар толорҳои Маркази малакаҳои амалии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино баргузор мегардад.

1.3. Маҳфумҳои асосӣ:

Шӯрои маҳфил – мақоми роҳбарикунанда буда, ба ҳайати он 5 нафар донишҷӯёни фаъол бо тавсияи деканони факултетҳо шомил мешаванд.

Аъзои маҳфил – донишҷӯён, аспирантон ва омӯзгорони ҷавон мебошанд, ки ҷиҳатҳои мусбии эътирофшуда доранд бо омодагии ҳаматарафа ба маҳфил ҳозир шаванд ва дар ҷараёни баррасии мавзӯъҳо фаъолона иштирок намоянд.

1.3. Маҳфил дар назди шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ таъсис дода шуда дар ҳамкорӣ бо кафедраи анестезиология ва реаниматология, ҷарроҳӣ, травматология ва ортопедия, бемориҳои дарунӣ, Иттифоқи касабаи донишҷӯёни ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, деканатҳо ва Кумитаи ҳолатҳои фавқуллодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

## 2. Мақсади маҳфил

2.1. Ба донишҷӯён омӯзонидани усулҳои расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқуллода, ҳолатҳои таъҷилӣ дар тибб, дар вақти ташаккул ёфтани оризаҳои гуногуни бемориҳо омӯзонидани қабули қарори дуруст, ки чораҳои фавриро талаб мекунанд.

2.2. Тавассути муҳокима ва сӯҳбати бевосита бо мутахассисони баландихтисос аз худ намудани усулҳои расонидани ёрии аввалин, ки дар фаъолияти минбаъдаи онҳо нақши муҳимро хоҳад бозид.

2.3. Ба донишҷӯён ташвиқу тарғиб намудани ихтисоси тибби оилавӣ, ки дар таҷриба метавонанд бештар бо чунин ҳолатҳо рӯ ба рӯ шаванд ва интихоби дурусти ихтисос.

2.4. Ба воситаи маҳфил ба ҳам овардани донишҷӯён ва шинос намудани онҳо бо ҳолатҳои фавқуллода ва тарзи рафтор дар чунин ҳолатҳо, инчунин омӯзонидани малакаҳои амалӣ ҳангоми ҳолатҳои таъҷилӣ.
2.5. Ташаккул додани фикрронии мантиқӣ, тиббӣ ва илмии донишҷӯён.

## 3. Муқаррарот оид ба узвияти маҳфил

3.1. Аъзои маҳфил аз ҳисоби донишҷӯёни фаъоле, ки дар мавзӯъҳои гуногуни илмӣ-ҷамъиятӣ дониши амиқи соҳавӣ, маҳорати хуби фикррониию суханварӣ доранд, баъд аз тавсияи роҳбарияти факултетҳо ва номнавис кардан дар Шӯрои маҳфил, ҳуқуқи узвиятро доро мешаванд.
3.2. Мавзӯъҳои маҳфил бо пешниҳоди донишҷӯён интихоб ва нақшаи кории он тартиб дода мешавад ва ҷаласаҳои маҳфил моҳе як маротиба бо иштироки мутахассисони соҳа, инчунин дар ҳолатҳои мавзӯъҳои муштарак намояндагони Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода гузаронида мешаванд.
3.3. Донишҷӯён роҳбарӣ ва роҳандозии маҳфилро вобаста аз мавзӯъ ва фаннҳои таълимӣ зери роҳбарии кормандони варзидаи кафедраҳои марбута, амалӣ менамоянд.
3.4. Мубоҳисони ҷавоне, ки дар маҳфил иштирок менамоянд, бояд аз илмӣ соҳавӣ ва илмҳои ҷамъиятӣ воқиф бошанд.
3.5. Низомномаи маҳфил ва санаҳои баргузории он ба деканатҳову шӯъбаҳои кор бо ҷавонон бо тариқи мактуб ирсол карда мешавад.
3.6. Нақшаи кории маҳфил ҳамҷоя бо донишҷӯёни фаъол таҳия ва баррасӣ карда шуда, барои тасдиқ пешниҳод мегардад.
3.5. Аз тарафи Шӯрои маҳфил 5 рӯз пеш аз баргузории маҳфил дар бинои асосӣ, маҷмааи нави таълимӣ ва хобгоҳҳо оид ба мавзӯъ, санаи баргузоршавӣ эълон овезон карда мешавад.